Абдулифтихор Оқилӣ

# Алиршод

«Тафсири сураи Фотиҳа»



Хуҷанд-2018

*Бисмилла́ҳир раҳма́нир раҳийм*

*Алҳамду лилла́ҳи раббил а́ламийн*
*✍2 Арраҳма́нир раҳийм ✍3 Ма́лики*
*явмид-дийн ✍4 Ийяка наъбуду ва*
*ийяка настаъийн ✍5 Иҳдинас*
*сиро́тал мустақийм ✍6 Сиро́тал*
*лазийна анъамта алайҳим ғайрил*
*мағзу́би алайҳим валаз-зо́ллийн ✍7*

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

الْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ ﴿٢﴾ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ
﴿٣﴾ مَالِكِ يَوْمِ الدِّينِ ﴿٤﴾ إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَ إِيَّاكَ
نَسْتَعِينُ ﴿٥﴾ اِهْدِنَا الصِّرَاطَ الْمُسْتَقِيمَ ﴿٦﴾
صِرَاطَ الَّذِينَ أَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ غَيْرِ الْمَغْضُوبِ
عَلَيْهِمْ وَ لَا الضَّالِّينَ ﴿٧﴾

## ✍ Тарҷама

***Ба исми Аллоҳи раҳмону раҳим.***

***Анвои ҳамд хосси илоҳест собит, ки рабби оламин, раҳмону раҳим, ҳаст молики рӯзи дин. Танҳо Туро кунем ибодат ва танҳо Туро гирем мустаин. Ҳидоят кун моро ба сироти мустақим, сироти касоне, ки неъмат додаи бар онҳо, ғайри ғазабгирифтаи бар онон ва на гумроҳшудагон.***

## ✍ Ташреҳ

### *«Бисмилла́ҳир раҳма́нир раҳийм» ✍1*

Сураи муборакаи Фотиҳа бо **«Бисмила́ҳир раҳма́нир раҳийм»** оғоз шуда ва тарҷамаи таҳтуллафзии он «**Ба исми Аллоҳи раҳмону раҳим**» аст. Дар чунин тарҷама ҳар яке аз калимот дар ҷои худ маҳфуз монда ва комилан баёнгари мавзуун лаҳ ва маонӣ ва масодиқи хеш аст, зеро забони форсӣ барои баёни тамоми маони ва масодиқи калимоти ин ояти муборака оҷиз аст. Ба ин хотир буд, ки дар тарҷамаи таҳтуллафзии он ба такрори вожаҳои арабӣ ногузир шудем. Бад-ин қасд фасле дар ин замина боз намудем, то маонӣ ва масодиқи ҳар яке аз калимот шарҳ дода шавад ва барои расидан ба дарки саҳеҳи оёти қуръонӣ роҳро ҳамвор сохта ва ниҳоятан ба воқеияти он ҳаддал-мақдур комёб гардем. Ҳоло барои ташреҳи ҳар яке аз калимоти он пардохта мешавад.

### *Вожаи «б»*

Аввалин калимаи ин ояти муборака ҳарфи «**бо**» аст, ки маонии мухталиферо дар бар дорад ва фаровон дар Қуръон ба кор рафтааст.

Наҳвиён барои ҳарфи «**бо**» ҳудуди **14** маъноро зикр кардаанд, ки иборатанд: «**илсоқ**», «**истионат**», «**мусоҳибат**», «**сабабият**», «**таъдия**», «**зарфия**», «**бадалия**», «**муқобалат**», «**муҷоваза**» (ба маънои ан), «**истеъло**», «**табъиз**», «**қасам**», «**ғоят**» (ба маънои ила́), «**зоида**» (ба маънои таъкид ва он дар **6** мавзуъ истеъмол дорад). Ва аз ин маонии мазкур муфассирин се маъноро дар ин оят муносиб донистаанд:

1. Маънои «**илсоқ**» (пайваст шудан), ба мисли: «**Би зайдин да́ун**» (Ба Зайд маризӣ пайваст ва ё часпид).
2. Маънои «**истионат**» (кӯмак гирифтан), ба мисли: «**Катабту бил-қалам**» (Навиштам бо кӯмаки қалам).
3. Маънои «**мусоҳибат**» (ҳамроҳӣ кардан), ба мисли: «**Иҳбит би саломин минна́**» (Фуруд ой бо ҳамроҳи саломат аз ҷонибамон).

Бар замми ин се маънои мазкур бархе аз муфассирин муътақиданд, ки ҳарфи «**бо**» дар «**Басмалаҳ**» мутааллиқ ба маънои «**ибтидоият**» аст, вале бархе «**заҳара**» ва бархе ба «**худи он сура**» мутааллиқ медонанд.

Доир ба «**ибтидоият**» гуфтаанд, ки чун ғарази ниҳоӣ ситоиши Аллоҳ ва изҳори бандагӣ аст, лизо ин мақсад бояд ба исми Аллоҳ оғоз шавад, яъне гуфта шавад: «**Ба исми Аллоҳи раҳмону раҳим оғоз мекунам**».

Доир ба «**заҳара**» гуфтаанд, ки чун ҳамаи мавҷудоти аволами ғайб ва шуҳуд ба таҷаллии «**исми аъзам**» зоҳир мебошад, бинобар ин «**Заҳарал вуҷуду бибисмилла́ҳ**» (Зоҳир шуд вуҷуд ба исми Аллоҳ) аст.

Вале назарияи уламои мутааххирин ин аст, ки «**бо**» дар ҳар сурае мутааллиқ ба «**худи он сура**» аст. Масалан дар сураи «**Фотиҳа**» мутааллиқ ба «**Алҳамд**» аст. Ин қавл мутобиқи завқи ирфонӣ буда, ишора ба ин матлаб дорад, ки ҳамди ҳомидон ба қайюмияти «**исмуллоҳ**» аст ва «**тасмия**» дар оғози тамоми аъмол барои ин тазаккур аст, ки ҳар амале аз инсон содир шавад ба қайюмияти «**исмуллоҳ**» аст, чун тамоми олами вуҷуд таайюни «**асмоуллоҳ**» аст ва лизо маънои он дар ҳар сура ва ҳар феъле мухталиф аст. Пас дар сураи «**Ҳамд**» татбиқ он аст, ки гуфта шавад: «**Ба исми Аллоҳи раҳмону раҳим ҳамд мекунам**».

### *Нукот:*

Бояд тазаккур дод, ки ҳарфи «**б**» аз дувумин ҳуруфи алифбои форсӣ буда «**бо**» ё «**бои муваҳҳада**» номида мешавад. Вожаи «**ба**» аз ҳуруфи рабт ва изофа буда, дар аввали калима ва ё миёни ду калима меояд, ба мисли: «**Ман ба Қуръон ниёз дорам**». Ва дар оғози феъли амр гоҳо изофа воқеъ мешавад, ба мисли: «**Би-гӯ**». Ва дар калимаи савганд низ меояд, ба мисли: «**Ба Худо**». Гоҳо вожаи «**ба**» бар сари феъл муттасил меояд ва бидуни «**ҳо**» навишта мешавад, вале бар сари исм ба ҳар ду сурат меояд, ба мисли: «**Ба Карим бигӯ**» ва ё «**Ба-Карим бигӯ**». Ва агар ин ҳарф дар аввали калимае қарор бигирад, ки «**ҳамза**» дошта бошад, он гоҳ «**ҳамза**» бадал ба «**ё**» мешавад, ба мисли: «**Биафкан-Бияфкан**».

Ҳамчунин вожаи «**бо**» низ аз ҳуруфи рабт аст, ки гоҳо ба маънои «**мусоҳибат**» ба мисли: «**Ман бо Қуръон ҳидоят мешавам**» меояд ва гоҳо дар мақоми «**муқобала**» ва «**муқоиса**» низ истеъмол мешавад, ба мисли ин ки бигӯем: «**Ин қалам бо он қалам фарқ дорад**». Ва гоҳо ба маънои «**ба**» низ меояд, ба мисли: «**Бо ёд омад**», яъне «**Ба-ёд омад**».

Ва нуктаи дигар ки лозим ба тазаккур аст, байни ҳарфи «**ба**» ва «**бо**» дар маъно ифтироқе вуҷуд дорад, ба мисли:

1. **Ба исми Аллоҳ оғоз мекунам.**
2. **Бо исми Аллоҳ оғоз мекунам.**

Ва фарқияти рақиқи байни ин ду калом ин аст, ки дар ҷумлаи аввалӣ як шахс барои оғози умуре худро шадидан ниёзманд ба Аллоҳ мебинад ва комилан худро ба Ӯ месупорад ва мустағрақ мешавад, аммо дар ҷумлаи дувумӣ шахс барои анҷоми коре ҳамчунин хештанро ниёзманд бо Аллоҳ мебинад, вале комилан худро ба Ӯ намесупорад, балки дар умур хештанро низ мушорикат медиҳад.

Ва аммо байни ин ду калом маонии латифе мастур аст, ки ниёз ба маҷоли васеътаре дорад, бинобар ин аз тавзеҳи муфассали он сарфи назар намуда ва дар мабоҳиси илмӣ ба тафсил баҳс хоҳем кард.

### *Вожаи «исм»*

Дувумин калимаи ин ояти муборака вожаи «**исм**» аст, ки аз сулоси муҷаррад гирифта шудааст, ки дар решаи пайдоиш ва маънои он ду қавл вуҷуд дорад, яке қавли Басриён ва дигаре қавли Кӯфиён.

Қавли Басриён ин аст, ки вожаи «**исм**» муштақ аз «**сумув**» аст, яъне аз «**самá-ясмув-сумувван**» ба маънои «**алá**» ва «**иртафаа**» (боло шудан ва рафъат пайдо кардан) гирифта шудааст, ба мисли ин ки араб гӯянд: «**Сумуввул ахлáқи ваш-шуур**» (Боло будани ахлоқ ва шуур).

Вале қавли Кӯфиён ин аст, ки вожаи «**исм**» муштақ аз «**васм**» аст, яъне аз «**васама - ясиму - васман**» омадааст, ба маънои доғ намуда нишона ва аломат задан бар чизе, то шинохта шавад. Ва чун он аломат барои «**мусаммо**» аст, лизо муносиб аст, ки муштақ аз «**васм**» бошад.

Ва агар «**исм**» муштақ аз «**васм**» бошад, аз ҳайси маъно беҳтар аз қавли Басриён аст, зеро ҳар исме аломати «**зот**» ва «**мусаммо**» аст, аммо аз назари лафз ва иштиқоқ дуруст нест, зеро шакли «**тасғир**» ва «**ҷамъ**»-и он бар хилофи қоида аст. Вале агар муштақ аз «**сумув**» бошад, аз ҳайси «**тасғир**» ва «**ҷамъ**» дуруст, чун бар тибқи қоида омада, аммо аз ваҷҳи маъно беҳтар нест.

Доир ба мабдаи иштиқоқаш ҳар чӣ бошад феълан мавриди назари мо нест, аммо он чӣ луғат ва урф аз вожаи «**исм**» мефаҳманд ин аст, ки он «**лафзи далолаткунанда бар мусаммои худ**» аст. Лозимаи ин маъно он хоҳад буд, ки «**исм**» лафзи «**дол**» буда ва ғайри «**мадлул**» (далолатшуда) ва ғайри «**мусаммо**» (номидашуда) аст. Пас дар мавриди аввал «**исм**» аз мақулаи алфоз буда ва далолат бар маъное дорад, вале дар мавриди дувум «**исм**» дигар аз мақулаи лафз нест, балки зотест аз завоте, ки дорои васфе аз авсоф аст ва бо таҷзияи ақлӣ «**исм**» шудааст ва наметавон луғатро ҳамл бар он кард. Агар «**исм**» ба маънои аввалӣ бар «**зот**» далолат кунад, он бо висотати «**исм**» ба маънои дувум аст, лизо «**исм**» ба маънои дувумиро «**исм**» номиданд ва «**исм**» ба маънои аввалиро «**исми исм**» номидаанд.

Пас ҳар ҷо ки вожаи «**исм**» омада бошад, ногузирем ҳамл бар ҳамон маънои аввалӣ кунем, ки урф аз он мефаҳмад, яъне: «**Исм калимае аст, ки аз мақулаи алфоз буда ва бар маъно далолат мекунад**».

Ва аммо ин ки чаро бо ин вожа чунин муомилае шудааст, иншоаллоҳ дар ҷои худаш ба тариқи муфассал баҳс хоҳем кард.

### *Вожаи «аллоҳ»*

Савумин калимаи ин ояти муборака вожаи «**аллоҳ**» аст, ки дар маонӣ ва масодиқи он байни муфассирин ихтилофоти фаровоне вуҷуд дорад. Аммо ду баҳс он қобили диққат аст. Яке доир ба «**муштақ**» будани лафзи «**аллоҳ**» ва дигаре доир ба «**ҷомид**» будани он.

Гуруҳе муътақиданд, ки вожаи «**аллоҳ**» муштақ аст ва дар иштиқоқи он чанд эҳтимолро зикр кардаанд:

1. Аввалан «**аллоҳ**» муштақ аз моддаи: «**алаҳа-яълаҳу-улуҳатан** ва **илáҳатан** ва **улуҳийятан**», ба маънои ибодат кардан аст. Пас «**илáҳ**» ба мисли «**китоб**» бар вазни «**фиъáл**» бар вазни «**мафъул**», яъне «**маълуҳ**» ба маънои «**маъбуд**» аст. Ба мисли: «**Алаҳар-раҷул**» (ибодат кард мард). Ва дар ҷамъи «**илáҳ**» гуфтаанд, ки он «**áлиҳа**» аст; вале Роғиб дар муфрадот менависад: «**Ҳақ он аст, ки лафзи «аллоҳ**» ҷамъ баста нашавад, зеро ғайр аз Аллоҳ холиқе нест. Вале араб чун маобиди зиёдеро мепарастиданд, лизо ҷамъ баста «**áлиҳа**» гуфтаанд.
2. Дигар ин ки «**аллоҳ**» муштақ аз моддаи: «**валаҳа-ялиҳу-валаҳан**», ба маънои аз шиддати ваҷд мутаҳаййир шуда ва ошиқу шайдо шудан аст. Аз ин лиҳоз гуфтаанд, ки ақлҳо дар муқобили зоти ақдасаш дар ҳайрат ва ошиқанд.
3. Дигар ин ки «**аллоҳ**» муштақ аз моддаи «**алиҳа-яълаҳу-алаҳан**», ба маънои ҷазаи шадид кардан ва бо нолаву зорӣ ва ҳузну дилтангӣ аз Ӯ кӯмак хостан аст. Ба мисли: «**Алиҳту алайҳ**» (Ҷазау бетобии ман барои ӯ бисёр шуд). Пас Аллоҳ он мавҷудест, ки махлуқот дар ҳоҷатҳояшон ҷазаъ ва изҳори ҳузн намуда аз Ӯ кӯмак меҷӯянд.
4. Дигар ин ки «**аллоҳ**» муштақ аз моддаи «**лáҳа-ялуҳу-лиёҳан**», ба маънои пӯшида ва мастур будан аст. Пас Аллоҳ он мавҷудест, ки идроки зоташ пӯшида ва мастур аз авҳоми башарӣ аст. Чуноне ки дар ахбор омадааст: «**Лá тудрикуҳул абсáр ва ҳува юдрикул абсáр**» (Дарк намекунад Ӯро чашмҳо ва локин Ӯ дарк мекунад чашмҳоро). Аммо Ӯ зоҳиру ошкор бо бурҳону далоили ақлӣ аст.
5. Дигар ин ки «**аллоҳ**» муштақ аз моддаи «**алаҳа**», ба маънои оромиш ёфтан ва амон додан аст. Ва бинобар ин қавл Аллоҳ он мавҷудест, ки халоиқ бо ёди Ӯ дар оромиш ва осоиш ҳастанд.

Вале бархе муътақиданд, ки он «**исми ҷомид**» ва гуфтаанд: Вожаи «**аллоҳ**» исми мавзуъ ва ғайри муштақ аст, зеро воҷиб нест ҳар лафзе ҳатман муштақ бошад, зеро агар ин амр воҷиб бошад, он гоҳ тасалсуле пеш меомад. Ва чун Аллоҳ ба таври илтизомӣ ҳамаи сифоти камолияи худро дорад, лизо саҳеҳ он аст, ки бигӯем: Вожаи «**аллоҳ**» исм барои зоти воҷибул-вуҷудест, ки тамоми авсофи камолияро доро аст.

Агар аз ин таҳлил бигзарем ин вожа пеш аз ин ки исми Аллоҳ бошад, бар ҳеҷ чизи дигаре итлоқ нагашта ва ғайр аз инояте, ки дар моддаи «**алаҳа**» («**алиф**»-«**лом**»-«**ҳо**») аст, чизи дигаре лиҳоз нашудааст.

Пас вожаи «**аллоҳ**» исми хосси маъбудест, ки ҷомеи тамоми авсофи камолия аст. Доир ба ин калима он чӣ мавриди таваҷҷуҳ аст, ҳамон мабдаияти ҳамаи камолот мебошад, на зоти Аллоҳ, зеро зоти Ӯ бартар аз идроки башарӣ аст, яъне нисбат ба шинохти зоти ақдаси илоҳӣ ҳадду ҳудуди ақлӣ маҳдуд аст. Ба ин хотир вожаи «**аллоҳ**» бо вуҷуди он ки унвони исми «**зот**» ва «**алам**» аст, аммо ба маънои «**васфӣ**» мебошад. Ва луғат низ ба ҳамин маънои «**васфӣ**» далолат дорад, ки аз решаи «**алаҳа**» (маъбуд ва сакан), ё «**валаҳа**» (таҳайюр), ё «**алиҳа**» (тазарруъ), ё «**ла́ҳа**» (мастур) аст. Ба ин хотир вожаи «**аллоҳ**» дар асари ғалабаи истеъмол алами исми хосс шуда ва илло қабл аз нузули Қуръон араб ба он шинохт доштаанд. Чунон, ки дар сураи **Зухруф**, ояти **87** мефармояд: «**Ва агар аз онҳо бипурсӣ, чӣ касе шуморо офарид? Ҳамоно гӯянд: Аллоҳ**».

Пас доир ба вожаи «**аллоҳ**» метавон маонии зеринро лиҳоз кард:

**Аллоҳ -** он зоте, ки мабдаи ҳамаи авсофи камолот аст.

**Аллоҳ -** он зоте, ки маъбуд ва мояи парастишу ибодот аст.

**Аллоҳ -** он зоте, ки ақлҳо дар муқобили зоти қудсаш дар ҳайрат аст.

**Аллоҳ -** он зоте, ки халоиқ бо нолаву зорӣ аз Ӯ кӯмак меҷӯянд.

**Аллоҳ -** он зоте, ки аз авҳому идроки башарӣ мастур аст.

**Аллоҳ -** он зоте, ки халоиқ бо ёди Ӯдар оромишу осоиш аст.

**Пас анвои ҳамд хосси илоҳе, ки мабдаи ҳамаи авсофи камолия буда ва маъбуду мастур аз авҳоми башарӣ аст, ки халоиқ дар зоти қудсаш ба таҳайюру тазарруъ ва оромиш қарор доранд!**

## *Нукот:*

Бояд тазаккур дод, ки он мавҷудеро, ки русҳо «**Бог**» ва ғарбиҳо «**Гад**» ва ҳиндуҳо «**Кришна**» ва аҳли ҳар миллате бо таъбире ба маъбуди хеш ишора доранд, мутародифи вожаи «**аллоҳ**» нестанд. Ҳамчунин дар луғати форсӣ вожае, ки мутародифи лафзи ҷалола бошад, надорем. Масалан агар ба ҷои вожаи «**аллоҳ**» калимаи «**худо**» бигзорем он иҳотаи комили маонии онро надорад, зеро луғати «**худо**» мухаффафи «**худ - ой**» аст, ки ба истилоҳ маънои «**воҷибул-вуҷуд**»-ро мерасонад, ё мумкин маънои «**ғанӣ**» ба он наздиктар бошад. Агар лафзи «**худованд**» ба ҷои он гузорем, боз баёнгари маонии «**аллоҳ**» нест, зеро манзур аз «**худованд**» ҳамон «**соҳиб**» ва «**худовандӣ**» аст, ки он низ яке аз шууни маонии «**аллоҳ**» аст. Ба ин минвол калимоти «**парвардигор**», «**эзид**», «**яздон**», «**аҳурамаздо**», «**урмузд**» ё «**ҳурмузд**» ва ғайра мутародифи он нестанд, зеро маоние, ки дар вожаи «**аллоҳ**» ҳаст, ҳеҷ яке аз ин калимот ба танҳоӣ баёнкунандаи тамоми мавзуун лаҳ ва маонии комили он нест.

Ва нуктаи дигаре, ки бояд гуфта шавад ин аст, ки маъно ва масодиқи лафзи «**аллоҳ**» амрест, ки ақли оқилон аз идроки кунҳаш дар ҳайратанд ва ҳар чӣ инсон аз қувваи оқила дар он водӣ ба кор гирад, ғайр аз аҷзу нотавонӣ чизеро комёб нагардад ва он чиро ки Аллоҳ мепиндорад махлуқи нафс аст, на холиқи нафс. Ва лизо дар сураи **Соффот**, ояти **159** чунин фармудааст: «**Субҳа́наллоҳи амма́ ясифун**» (Поку муназзаҳ аст Аллоҳ аз он чӣ тавсиф мекунанд). Дар воқеъ ақле, ки махлуқи миҳот аст, аз куҷо ба зоти холиқи муҳит пай бибарад. Ақл ғайр аз ҷавоҳиру аъроз ба чизе маърифат надорад, яъне ба мавҷуде ки на ҷавҳар аст ва на араз шинохт надорад. Ба ин хотир аз Расули акрам (с) расидааст: «**Тафаккару фий сифа́тилла́ҳ ва ла́ тафаккару фий за́тилла́ҳ**» (Тафаккур кунед дар сифоти Аллоҳ, вале тафаккур накунед дар зоти Аллоҳ).

Аммо соҳибони хирад дар аҳамияти шинохти сифоти Аллоҳ гуфтаанд: «**Шинохти сифоти Аллоҳ бо қатъи назар аз осори амалии он, амри арзишманду муассир дар саодати башарӣ аст, ба гунае, ки камоли инсон дар гарави шинохти саҳеҳ аз Аллоҳ аст ва то ин шинохт комил нашвад ҳамди ҳомидон ба авҷи камоли худ нахоҳад расид**».

### *Вожаи «раҳма́н» ва «раҳийм»*

Калимоти баъдии ин ояти муборака вожаи «**раҳмон**» ва «**раҳим**» аст, ки доир ба он низ байни муфассирин ихтилофоте вуҷуд дорад.

Бештари муфассирин муътақиданд, ки вожаи «**раҳмон**» ва «**раҳим**» ҳар ду муштақ аз моддаи «**раҳмат**» мебошад, ки ба маънои меҳрубонӣ, дилсӯзӣ ва бахшишу эҳсон намудан аст, яъне бо риққати қалбӣ тараҳҳум нисбат ба касе намудан аст, ба мисли ин ки гӯянд: «**Раҳимаҳуллоҳ**» (Раҳмат кунад ӯро Аллоҳ). Шакли ҷамъи он «**руҳама́**» аст.

Ҳамчуноне ки доир ба вожаи «**аллоҳ**» гуфта шуд, ки дар забони форсӣ наметавон лафзеро пайдо кард, ки айнан маонии онро дар бар дошта бошад, ба ду вожаи «**раҳмон**» ва «**раҳим**» низ дар форсӣ наметавон мутародифе пайдо кард, ки комилан баёнгари маонии он бошад. Ва ин ки маъмулан ба ҷои он вожаи «**бахшанда**» ва «**меҳрубон**» меоваранд, дар воқеъ ин калимот ба тамом маонии онҳоро дар бар надорад, зеро вожаи «**бахшанда**» тарҷамааш ба маънои «**ҷавод**» наздиктар аст ва вожаи «**меҳрубон**» маънояш ба «**рауф**» наздиктар аст. Пас ногузирем худи он ду вожаро биёварем, то тамоми маонияш маҳфуз бимонад ва баёнгари мавзуун лаҳи хеш бошад. Ҳоло ба ташреҳи ин ду вожа мепардозем, то маонии онро ба даст орем.

Вақте вожаи «**раҳмон**» ва «**раҳим**» гуфта шавад, дар зеҳни инсон ду маъно мутасаввир аст:

1. Яке ниёзмандии азими махлуқот, ки гӯё ҳама бо забони истеъдодии хеш дасти ниёз ба даргоҳи бениёз дароз намуда илтиҷояш мекунанд.
2. Дигар ин ки Аллоҳ раҳмати беҳисоби хешро ба сӯи махлуқоти худ нозил фармуда ва ҳоҷоту ниёзҳояшонро бароварда мегардонад.

Вожаи «**раҳмон**» ин маъноро мерасонад, ки тараҳҳуми Аллоҳ дар ҳама ҷо густариш ёфта ва ҳама чизро фаро гирифтааст. Усулан ҳар чизе, шайъ буданаш мусовӣ бо раҳмати Аллоҳ аст, зеро вуҷуд ва ҳастӣ айни «**раҳмат**» аст. Дар сураи **Аъроф**, ояти **156** фармудааст: «**Ва раҳматий васиъат кулла шайъ**» (Ва раҳматам вусъати (фарогири) ҳама чиз аст).

Вожаи «**раҳим**» бар раҳмати қатъънашаванда ва ҳамешагии Аллоҳ далолат дорад, яъне навъе аз раҳмате аст, ки ҷовидонагӣ дорад ва танҳо шомили бандагоне мешавад, ки аз тариқи маърифат ва имон ва амали солеҳ худро дар масири раҳмати хосси Илоҳӣ қарор додаанд.

Пас Аллоҳ як «**раҳмати омм**» ва яке «**раҳмати хосс**» дорад. Ва вожаи «**раҳмон**» ишора ба «**раҳмати омм**» аст, ки бо он тамоми мавҷудотро зери пӯшиши худ қарор додааст ва чӣ аз ҷавоҳиру ҷамодот ва ё набототу ҳайвонот ва ё инсу ҷинну малоика бошад ва чӣ аз гуруҳи кофирону мунофиқон ва ё мусалмонону муъминон ва ғайра бошад, ҳамаро машмули ин «**раҳмат**» қарор додааст. Вале вожаи «**раҳим**» ишора ба раҳмати хоссе дорад, ки танҳо ба бандагони мутеъ ва фармонбардори Аллоҳ ихтисос дорад, зеро онон ба ҳукми имон ва амали солеҳ ин файзу эҳсони илоҳияро касб кардаанд. Бинобар ин ба хуби равшан мегардад, ки «**раҳмат**» аз Аллоҳ ғайри қобили инфикок аст, зеро бар нафси худ онро воҷиб кардааст. Чуноне, ки дар сураи Анъом, ояти **54** мефармояд: «**Катаба раббукум алá нафсиҳир-раҳмаҳ**» (Китобат фармуда Рабби шумоён бар нафси хеш раҳматро).

Зимнан бояд тазаккур дод, ки вожаи «**раҳмон**» ва «**раҳим**» баъд аз лафзи «**аллоҳ**» зикр шудааст, ки аз қабили зикри «**хосс**» пас аз «**омм**» мебошад, зеро лафзи «**аллоҳ**» ба манзалаи баёни тамоми асмои илоҳия буда, ки аз он ҷумла «**раҳмон**» ва «**раҳим**» аст. Пас метавон чунин гуфт: «**Ба исми Аллоҳе, ки раҳматаш ҳамагонӣ ва ҳамешагӣ аст**».

Ва нукоти дигари вожаи «**раҳмат**» ин аст, ки инсон дар айни қудрат нисбат ба наздиконаш ба лутфу меҳрубонӣ рафтор мекунад ва эҳсоси чунин раҳмати ҷаҳонгире, ки дар рубубияти мутлақа вуҷуд дорад аз роҳи дарунӣ бандаро иттисол мебахшад, то бо як алоқаи зиёд бигӯяд: «**Ба исми Аллоҳи бениҳоят раҳматгару ҳамеша раҳматбахш**».

Ва бояд муътақид буд, ки рубубияти Илоҳӣ аз роҳи қаҳру ғазаб ва фишор бар махлуқот нест, балки аз файзи раҳмати «**оммӣ**» ва «**хоссӣ**» аст, ки тамоми мавҷудот дар партави ин ду навъ «**раҳмат**» парвариш ёфта ва ба камоли хеш мерасанд.

### *Нукот:*

Бояд тазаккур дод, ки вожаи «**раҳмат**» дар асл ба маънои ҳолати хосси нафсонӣ аст, ки мавқеи мушоҳидаи ҳолоти бечорагон ба инсон даст медиҳад ва ӯро водор мекунад, ки барои рафъи он ва таъмини эҳтиёҷоти мустамандон бикӯшад. Ва ин маъно пас аз таҳлил ба бахшишу рафъи ниёзмандиҳо боз мегардад. Албатта ҳар гоҳ ин вожа дар мавриди Аллоҳ итлоқ шавад, ба маънои бахшишу фазлу эҳсон аз ҷониби Аллоҳ аст, ки бидуни риққати қалбӣ ва ҳолоти нафсонӣ ба бандагон иноят мешавад.

Ба иборати дигар вожаи «**раҳмат**» сифатест инфиолӣ ва таъсири хосси дарунӣ, ки қалби инсонӣ ҳангоми мушоҳидаи саҳнаи ниёзмандон барои рафъи он мекӯшад ва аз ҳолати мутаассирӣ ба як ҳолати ҷазмӣ меояд. Вале ин маъно бо тамоми лавозимот ва имконияташ доир ба Аллоҳ содиқ нест, зеро дар Ӯ таассуроти қалбӣ вуҷуд надорад, балки навоқиси имконии онро бояд бардошт ва боқимондаро, ки ҳамон ифоза ва рафъи ҳоҷоти бандагон аст, ба Ӯ нисбат дод.

Ва лизо ин нукта бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор бигирад, ки ҳар сифате агар ба Аллоҳ нисбат дода шавад, он муназзаҳ аз ҳудуди нафсонӣ аст, яъне агар дар инсон сифоте ёфт шавад, ки он ҳамроҳ бо як лавозимоте бошад, доир ба Аллоҳ танҳо камоли он собит аст. Масалан агар сифати «**раҳмат**» ба инсон нисбат дода шавад, он аст, ки дар баробари як амри риққатборе қалбаш мутаассир мегардад ва сипас барои рафъи он мекӯшад, вале камол он аст, ки расидагӣ ба кори ниёзмандон бидуни инфиоли дарунӣ бошад. Пас он таассур ва инфиол дар асари нақс аст, ки ба инсон даст медиҳад. Аммо мавҷуди комил ниёзи ҳар ниёзмандеро ҳам бароварда мегардонад ва худ мунфаилу мутаассир намешавад, ки он мавҷуд, танҳо Аллоҳ аст.

Пас дар воқеияти маънои вожаи «**раҳмат**» чунин нест, ки инфиолу таассури қалбӣ ҳамеша ҳамроҳ бошад, зеро зоти ақдаси Илоҳӣ «**раҳмат**» дорад, мунтаҳо бидуни дилсӯзӣ ва тараҳҳуми нафсонӣ аст. Ва асли «**камол**» дар Аллоҳ роҳ дорад ва доир ба вожаи «**раҳмат**» ҳам матлаб ба ин сурат аст. Лизо дар ҷавҳари маънои «**раҳмат**», ки он хоҳ «**раҳмония**» ва хоҳ «**раҳимия**» бошад, маънои дилсӯзию инфиолӣ ва амсоли ин навоқис роҳ надорад, то итлоқаш бар Аллоҳ маҷоз ва ё иштироки лафзӣ бошад.

### *Вожаи «ал»*

Ва охарин калимае, ки дар ояти «**Басмалаҳ**» мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад, вожаи «**ал**» аст, ки бар сари вожаи «**ар-раҳма́н**» ва «**ар-раҳийм**» ва бинобар қавле бар вожаи «**аллоҳ**» низ омадааст.

Дар ин ҷо нахуст бояд мутазаккир шуд, ки наҳвиён вожаи «**ал**»-ро бар се навъ тақсим кардаанд, бад-ин қарор:

«**Ал**» (алиф лом) ба унвони «**исми мавсула**».
«**Ал**» (алиф лом) ба унвони «**ҳарфи таърииф**».
«**Ал**» (алиф лом) ба унвони «**ҳарфи зоида**».

Ва ҳар яке аз ин се навъ ақсоми хешро доранд, ки баёнгари маонии хосси худ ҳастанд. Масалан «**ал**»-и «**мавсула**» ба унвони «**исм**» аст, ки ба маънои «**аллазий**» (он касе ки, ё он чизе ки) буда ва муттасил ба «**ибораи зарфия**», ё «**ҷумлаи исмия**» ва ё «**ҷумлаи феълия**» меояд.

Ва «**ал**»-и «**таъриф**» ба унвони «**ҳарф**» аст, ки он бар ду навъ аст, яке «**ҳарфи аҳдия**» аст, ки он худ ба «**зикрӣ**», ё «**зеҳнӣ**» ва ё «**ҳузурӣ**» тақсим мешавад ва дигаре «**ҳарфи ҷинсия**» аст, ки он ба «**шахсияти афрод**», ё «**хасоиси афрод**» ва ё «**таърифи моҳийят**» тақсим мешавад.

Ва «**ал**»-и «**зоида**» низ ба унвони «**ҳарф**» аст, ки он бар ду навъ аст, яке «**ҳарфи лозим**» ва дигаре «**ҳарфи ғайри лозим**». Ва тавзеҳи ҳар яке аз ақсом ва маонии «**ал**»-ро дар «**баҳси илмӣ**» ба тафсил баён хоҳем кард.

Ва аммо доир ба «**ал**» (алифломи) вожаи «**аллоҳ**» дар баёни муфассирон ихтилофе вуҷуд дорад. Баъзе муътақиданд, ки вожаи «**аллоҳ**» исми «**ҷомид**» ва «**алам**» буда ва «**ал**» лозимаи он аст, лизо дар тариқи сохта шуданаш гуфтаанд, ки вожаи «**аллоҳ**» дар асл «**илоҳ**» буда ва ҳарфи ҳамзаи аввалӣ ба хотири касрати истеъмол ҳазф гардида ва бар ивази он «**ал**» овардаанд, сипас байни ду «**лом**» идғом сурат гирифтааст, яъне «**илоҳ**» нахуст «**лоҳ**» буда ва баъд «**ал-лоҳ**» шуда ва пас аз идғом сурат гирифтан «**аллоҳ**» гаштааст. Ва манзур аз «**ал**» дар ин ҷо ифодаи «**тафхим**» ва «**таъзим**» аст, яъне аз «**ҳарфи таъриф**» нест, чун асмои Илоҳӣ аз камолул-маърифат буда ва аслан ба «**ҳарфи таъриф**» ниёзе надорад.

Бад-ин хотир гуруҳе аз олимон ба мисли Шофеӣ, Имом Ғаззолӣ, Абулмаонӣ ва ғайра муътақиданд, ки «**ал**» дар вожаи «**аллоҳ**» лозимаи он буда, лизо ҳазфи он ҷоиз нест, яъне дар воқеъ аз бинои худи вожаи «**аллоҳ**» аст, зеро агар ғайри ин мебуд, он гоҳ «**ҳарфи нидо**» бар сараш намеомад, яъне масалан наметавон гуфт: «**Ё ар-раҳмон**». Дар натиҷа равшан мегардад, ки «**ал**» дар вожаи «**аллоҳ**» аз «**ҳарфи таъриф**» нест, чун бар сари он «**ҳарфи нидо**» меояд ва лизо метавон гуфт: «**Ё Аллоҳ**».

Аммо доир ба «**ал**»-и вожаи «**ар-раҳма́н**» ва «**ар-раҳийм**» бештари муфассирон бар ин ақида ҳастанд, ки он аз ҳарфи «**таърифи аҳдия**» аст.

### *Нукот:*

Доир ба овардани «**ал**» дар «**ар-раҳма́н**» ва «**ар-раҳийм**» ба унвони ҳарфи «**таърифи аҳдия**» гуруҳе аз муфассирон гуфтаанд, ки он бад-ин хотир аст, ки то бандагон бидонанд Аллоҳ бар нафси хеш «**раҳмат**»-ро лозим кардааст. Чуноне ки дар сураи Анъом, ояти 12 мефармояд: «**Катаба ала́ нафсиҳир раҳмаҳ**». Ва «**раҳматаш**» бар ҳама чиз иҳота дорад. Чуноне ки дар сураи Аъроф, ояти 156 мефармояд: «**Ва раҳматий васиъат кулла шайъ**». Ва яке аз бузургтарин «**раҳмат»** нисбат ба бандагонаш вуҷуди муборaки «**Расули акрам (с)**» ва «**Қуръони карим**» аст. Чуноне ки дар сураи Анбиё, ояти 107 мефармояд: «**Ва ма́ арсална́ка илла́ раҳматан лил-а́ламийн**» (Ва нафиристодем мо туро, магар ин ки раҳмат барои оламиён бошӣ). Ва дар сураи Ҷосияҳ, ояти 20 мефармояд: «**Ҳа́за́ баса́иру линна́си ва ҳудан ва раҳматун лиқавмин юқину́н**» (Ин (Қуръон) сармояи басират барои тамоми мардум буда ва ҳидоят ва раҳмат барои аҳли яқин аст). Пас он касоне, ки ба Қуръон гӯш фаро медиҳанд ва такя бар имони росех амал мекунанд, ҳатман шомили раҳмати хосси Илоҳӣ қарор мегиранд. Чуноне, ки дар сураи Аъроф, ояти 203-204 мефармояд: «**Ҳа́за́ баса́иру мин раббикум ва ҳудан ва раҳматун лиқавмин юъминун. Ва иза́ қуриал қуръа́ну фастамиъу́лаҳу ва анситу́ лаъаллакум турҳаму́н**» (Ин (Қуръон) мояи басирот аз ҷониби Рабби шумост ва ҳидоят ва раҳмат барои қавми муъминон аст. Ва чун қироат шавад Қуръон, пас ҳама ба он гӯш фаро диҳед ва сукут кунед, ки шояд шумоён низ шомили «**раҳмат**» қарор бигиред).

### *Мутааллиқи «Басмалаҳ»*

Ва аммо доир ба мутааллиқи «**Басмалаҳ**» муфассирин муътақиданд, ки он ба маънои «**ибтидоият**» ва ё «**заҳара**» ва ё ба «**худи он сура**» аст.

Ва ҳар яке баёноти худро иброз доштаанд. Бархе гуфтаанд, ки ғарази ниҳоӣ ситоишу изҳори бандагӣ аст, билохира дархости ҳидояти Аллоҳ аст, лизо ин мақсуди муҳим ба исми Аллоҳ бояд оғоз гардад, яъне гуфта шавад: «**Ба исми Аллоҳ оғоз мекунам**».

Вале бархе мутааллиқи онро «**заҳара**» донистаанд ва гуфтаанд, ки ҳамаи зарроти коинот ва аволами ғайбу шуҳуд ба таҷаллии «**исми аъзам**» зоҳир шудааст, пас: «**Заҳарал вуҷуду бибисмилла́ҳ**» (Зоҳир шуд вуҷуд ба исми Аллоҳ), яъне «**Ба исми Аллоҳ зуҳури ҳастӣ аст**».

Аммо назарияи уламои мутааххирин ин аст, ки «**Басмалаҳ**» дар ҳар сурае мутааллиқ ба худи он сура аст. Масалан дар сураи «**Фотиҳа**» мутааллиқ ба «**алҳамд**» аст, ки он мутобиқи завқи ирфонӣ буда ва соликони роҳ ҳангоми зикри «**тасмия**» қалби худро тазкия намуда ва яқин доштанд, ки ҳамаи мавҷудоти зоҳира ва ботина ва аволами ғайбу шуҳуд дар таҳти тарбияти зуҳури «**асмоъ**» ва тамоми ҳаракоту саканот ба қайюмияти «**асмои аъзами илоҳия**» аст. Ва ибодату итоат ва тавҳиду хулуси муҳомид, ҳама устувор бар қайюмияти ин «**асмоъ**» аст. Ва чун латофати илоҳия дар қалби ориф таҷаллӣ ёфт, он гоҳ роҳи дигаре аз маориф бар муҳомид боз шавад ва гӯяд: «**Билла́ҳи алҳамду лилла́ҳ**». Дар натиҷа «**ҳамд**» ба худи Ӯ баргардад: «**Ва анта камаснайта ала́ нафсик**» (Ва Ту чунин ситудаӣ бар нафси худ). Ин аст, ки Паёмбар (с) дар муноҷоти хеш чунин истиозаҳ доштаанд: «**Аъузу бика минка**».

Такя бар назароти муфассирин ва сулуки ирфонӣ доир ба «**Басмалаҳ**» ва мутааллиқи он метавон чунин баёнотеро натиҷа гирифт:

**Ба исми Аллоҳи раҳмону раҳим - пайванд мешавам.**
**Бо исми Аллоҳи рахмону раҳим - кӯмак мегирам.**
**Бо исми Аллоҳи раҳмону раҳим - ҳамроҳӣ мекунам.**
**Ба исми Аллоҳи раҳмону раҳим - оғоз мекунам.**
**Ба исми Аллоҳи раҳмону раҳим - изҳори ҳамд мекунам.**

Ин иҷмоле буд аз асрори ояти «**Бисмилла́ҳир раҳма́нир раҳийм**», ки тавзеҳи муфассалаш иншоаллоҳ дар мабоҳиси илмӣ хоҳад омад.

*«Алҳамду лилла́ҳи раббил а́ламийн»* 2
*«Арраҳма́нир раҳийм»* 3 *«Ма́лики явмиддийн»* 4

*Тарҷама*

***«Анвои ҳамд хосси илоҳест собит, ки рабби оламин». «раҳмону раҳим». «ҳаст молики рӯзи дин».***

*Ташреҳ*

*Вожаи «ҳамд»*

Вожаи «**ҳамд**» аз решаи «**ҳамида-яҳмаду-ҳамдан**» гирифта шуда ва дар луғат ба маънои мадҳ, шукр, сано, ситоиш, дуруд, сипосгузорӣ ва изҳори ташаккур омадааст. Аҳли луғат гуфтаанд: «**Алҳамду: Ҳувас-сана́у бил-ҷамийл; зиддиз-замм**», яъне «**ҳамд**» он саное бар ҷамил аст, ки бар зидди «**замм**» (ба маънои накуҳиш ва зикри қабеҳ) мебошад.

Дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки уламо дар вожаи «**ҳамд**» ва «**шукр**» бар ду қавланд. Баъзе аз аҳли луғат миёни онҳо фарқ нагузоштаанд ва гуфтаанд, ки ҳар ду ба як маъно мебошад. Вале гуруҳи муҳаққиқон байни он фарқ гузошта ва гуфтаанд, ки аҳли араб гӯянд: «**Ҳамидтуҳу ала́ шуҷа́ъатиҳи ва саха́ватиҳи ва ла́ яқу́лу шакартуҳу ала́ за́лик**» (Ситоиш мекунам шуҷоату саховати ӯро ва намегӯянд шукр мекунам бар он); яъне дар он «**шукр**» ба кор набаранд, вале мегӯянд: «**Ҳамидтуҳу ала́ ниъматиҳи ва шакартуҳу ала́ ниъматиҳ**» (Ситоиш мекунам бар неъматаш ва шукр мекунам бар неъматаш). Ва лизо «**ҳамд**» аз «**шукр**» оммитар аст, зеро «**ҳамд**» дар ҷои «**шукр**» ба кор гиранд, вале «**шукр**» дар ҷои «**ҳамд**» ба кор нагиранд. Пас «**ҳамд**» саное бар хисоле бошад, ки Ӯ дорад ва «**шукр**» бар неъмате бошад, ки аз Ӯ бирасад.

Ва гӯянд «**ҳамд**» ба забон бошад, чуноне, ки дар Қуръон омадааст: «**Қулил ҳамду лилла́ҳил-лазий лам яттахиз валадан**», вале «**шукр**» ба аркон бошад, чуноне, ки омадааст: «**Иъламу́ ала́ да́ву́да шукран**».

Дигар ин ки ҳар касе «**ҳамд**» кард, пас «**шукр**» карда бошад, вале агар касе «**шукр**» кард чунин нест, ки «**ҳамд**» карда бошад.

Аз Абдуллоҳ ибни Умар ривоят кардаанд, ки Паёмбар (с) фармудаанд: «**Алҳамду раъсаш-шукри ма́ шакараллоҳа абдун ла́ яҳмадуҳ**». Ин хабар мабнӣ аз он аст, ки «**ҳамд**» оммитар аз «**шукр**» аст.

Бинобар ин гар чӣ «**ҳамд**» бо «**мадҳ**» ва «**шукр**» маънои наздик ба ҳам доранд, вале нақизи «**ҳамд**» «**замм**» ва нақизи «**мадҳ**» «**ҳиҷо**» ва нақизи «**шукр**» «**куфрон**» аст, лизо байни онҳо ифтироқи рақиқе вуҷуд дорад:

**Ҳамд** - ба маънои таҳмид дар баробари кор ва ё сифати неки ихтиёрӣ аст, яъне ҳангоме, ки касе огоҳона кори хубе анҷом диҳад ва ё сифатеро барои худ баргузинад, ки сарчашмаи аъмоли неки ихтиёрӣ бошад, онгоҳ ин ҳолатро «**ҳамд**» гӯянд. Ба иборати дигар дар «**ҳамд**» лозим нест, ки он дар баробари «**неъмат**» бошад, бар хилофи «**шукр**», ки дар баробари «**неъмат**» аст. Ва «**замм**» (ба маънои накуҳишу сарзаниш ва зикри қабеҳ кардан) дар муқобили «**ҳамд**» аст.

**Мадҳ** - ба маънои ҳар гуна ситоиш ва тамҷид аст, хоҳ дар баробари як амри ихтиёрӣ бошад ва ё ғайри ихтиёрӣ. Масалан агар бихоҳанд як гавҳари гаронбаҳоеро таъриф кунанд, аҳли араб онро «**мадҳ**» гӯянд. Ва «**ҳиҷо**» (дашном додан ва айбҳои касеро фош кардан) дар муқобили «**мадҳ**» аст. Ба таъбире мафҳуми «**мадҳ**» «**омм**» ва «**ҳамд**» «**хосс**» аст.

**Шукр** - ба маънои ибрози ташаккурӣ ва сипосгузорӣ аст. Мафҳуми он маҳдудтар аз он ду вожаи мазкур аст, зеро танҳо дар баробари неъматҳое шукргузорӣ мекунем, ки аз дигаре бо майлу иродаи ӯ ба мо расида бошад. Яъне «**шукр**» аз як назар нисбат ба он ду вожа умумияти бештаре дорад, зеро «**шукр**» гоҳо бо забон ва гоҳо бо қалб ва гоҳо бо амал аст, дар ҳоле ки «**ҳамд**» ва «**мадҳ**» маъмулан бо забон аст. Ва «**куфрон**» (носипосӣ, ногаравидан ва ҳақро пӯшонидан) дар муқобили «**шукр**» аст. Ва низ калимоти чун: ситоиш, саногӯӣ, сипосгӯӣ, дуруд ва амсоли он ҳама мутародифи «**шукр**» ҳастанд ва ба маънои ибрози ризоияту хушнудӣ ва хурсандӣ намудан аст.

Хулоса «**ҳамд**» он ҷӯшиш ва эҳсоси ситоише, ки аз даруни худошинос бо илқои Илоҳӣ сар мезанад ва он беҳтарин навъ ташаккур аз Аллоҳ аст, яъне ҳақиқати ҳар мадҳу санои ҷамил ва васфи ҷалил аз азал то абад мухтасси Илоҳе, ки мустаҷмеи ҷамии сифоти камолия ва муназзаҳ аз ҳар айбу нуқсон аст, пас ҳар кас бо ҳар забоне ситоише дорад дар воқеъ сарчашмаи онро «**ҳамд**» мекунад. Ва ғайри чунин зоте ҳама ниёзманди маҳзанд ва лизо «**ҳамд**» ба ҷуз «**зоти бениёз**» раво нест.

## *Вожаи «ал»*

Вожаи «**ал**» (алиф лом) дар «**ҳамд**» ба қоидаи арабият «**таърифи аҳд**» ва ё «**таърифи ҷинс**» аст. Муфассирин гуфтаанд, ки агар «**аҳд**» бошад ишора ба он ҳамде аст, ки лоиқи қудси Ӯ ва махсус ба Ӯст. Ва зоти аҳадият худро бо он тавсиф намуда ва он ҳамди анбиё ва авлиё аст. Ва агар «**ҷинс**» (истиғроқ) бошад, эътироф ба ин аст, ки тамоми маротиб ва дараҷоти камол ва ҳамд аз ҳар ҳомиде сар занад, махсус ба он мавҷуди азалӣ ва сармадӣ аст, чун он таъкид мекунад шумули мадхули худро ва фарогирандаи ҳамаи афродаш буда, машмули маротиби «**ҳамд**» аст.

Бояд гуфт, ки мумкин «**ал**» дар он барои «**аҳд**» бошад ва мумкин барои «**ҷинс**» омада бошад, вале ҳар кадом бошад зиёд фарқе надорад, чун ҳар мавҷуде махлуқи Ӯст. Чуноне, ки дар сураи Анъом, ояти 102 мефармояд: «**За́ликумул-лоҳу раббукум ла́ ила́ҳа илла́ ҳува холиқу кулли шайъин фаъбуду́ҳу ва ҳува ала́ кулли шайъин вакийл**» (Он гуна бошад Аллоҳ бароятон, ки рабби шумост, нест илоҳе магар Ӯ, ки холиқи тамоми чиз аст, пас танҳо Ӯро ибодат кунед); яъне эълом медорад, ки ҳар мавҷуде мисдоқи калимаи «**шайъ**» бошад, он махлуқи Ӯст.

Тавзеҳи матлаб ин аст, ки ғайри Аллоҳ сар то сари мумкинот, на аз ҷиҳати зот ва на аз ҷиҳати сифот ва на аз ҳайси афъол лоиқи «**ҳамд**» нестанд, зеро ҷамии мумкинот аз ҳайси зот ва сифот фақри сирф буда ва эҳтиёҷи маҳзанд ва ҳар сифат ва камоле, ки дар онҳо дида мешавад, он ифоза аз Ӯст ва дар афъол ҳам истиқлол надоранд ва ба ёрии Ӯ анҷом медиҳанд. Ба ин ҷиҳат «**ал**» дар он барои «**аҳд**» ва ё «**ҷинс**» омада, то баёнгари ин матлаб бошад, ки ҳақиқати «**ҳамд**» бо ҳама анвои он мухтасс ба Аллоҳ аст, ки мустаҷмеи ҷамии камолот ва мабдаи ҳамаи хайрот аст.

Пас агар ба ин нукта таваҷҷуҳ кунем, ки «**ал**» дар он ба истилоҳ барои «**аҳд**» ва ё «**ҷинс**» омадааст, ки он маънои умумиятро мебахшад, чунин натиҷа медиҳад, ки ҳар навъи «**ҳамд**» махсуси Рабби оламиён аст.

Хулоса ҳарфи «**ал**» барои мунҳасир шинохтани ҳар «**ҳамд**» барои зоти илоҳест, ки маншаи ҳар навъи «**ҳамд**» Ӯст ва бақияи ситоишҳо дар тӯли (на дар арзи) «**ҳамд**»-и Ӯст; яъне «**ҳамд**» ба тавре, ки гуфтаанд, он мадҳу шукру саноест дар баробари амали ҷамиле, ки ҳомид бо ихтиёри худ онро анҷом медиҳад.

### *Вожаи «лом»*

Вожаи «**лом**», ки бар сари «**илоҳ**» омадааст, наҳвиён он ҳарфро бар се қисм унвон кардаанд:

Ҳарфи «**лом**» ба унвони «**омили ҷаркунанда**», ки дорои **22** маъно аст.
Ҳарфи «**лом**» ба унвони «**омили ҷазмкунанда**».
Ҳарфи «**лом**» ба унвони «**ғайри омил**», ки худ дорои **7** қисм аст.

Ва ҳар яке аз ин се навъ ақсоми худро доранд, ки баёнгари маонии хосси худ ҳастанд. Вале Куфиён бар замми он «**лом**»-ро ба унвони «**омили насбкунанда**» низ медонанд.

Агар ҳарфи «**лом**» ба унвони «**омили ҷаркунанда**» бар сари исми зоҳир (ғайри замир) ояд, он гоҳ «**максур**» аст, ба мисли: «**ли зайдин**», магар дар «**мунодои мустағос**» (додхоҳӣ), ки бо «**ё**» ҳамроҳ омада «**фатҳа**» мегирад, ба мисли: «**Ё лаллоҳ**». Ва агар бо исми ғайри зоҳир (замир) ояд, он гоҳ «**мафтуҳ**» аст, ба мисли: «**лака** ва **лаҳу**», магар вақте ки бо «**ё**» биёяд, ба мисли: «**лий**». Аммо заммаи «**лом**» бинобар қироати баъзе дар ояти «**алҳамду лилла́ҳ**» оразӣ буда ва ба далели итбоъ аз ҳарфи моқабл аст.

Ва аммо «**ломи ғайри омил**» худ дорои **7** қисм аст:

1. *Ломи* «**ибтидо**».
2. *Ломи* «**зоида**».
3. *Ломи* «**ҷавоб**».
4. *Лом бар* «**ҷавоби шарт**».
5. *Лом дар* «**ал**» (алиф лом).
6. *Лом дар* «**асмои ишораи баид**».
7. *Ломи* «**тааҷҷуби ғайри омил**».

Ва тавзеҳи муфассали ҳар яке аз ақсоми «**ломи ғайри омил**» ва низ «**ломи ҷазмкунанда**» дар баҳси илмӣ хоҳад омад. Ва аммо доир ба «**ломи ҷаркунанда**», ки мавриди назари мост, наҳвиён **22** маъноро зикр кардаанд: «**истеҳқоқ**», «**ихтисос**», «**милк**», «**тамлик**», «**шибҳи тамлик**», «**таълил**», «**таъкиди нафй**», «**мутародиф**», «**таблиғ**», «**мутародифи ан**», «**сайрурат**», «**тааҷҷуб**», «**тааҷҷуб бо қасам**», «**таъдия**», «**таъкид**», «**табйин**» ва низ ба маънои «**ила́-ала́-фий-анҳу-маъа-мин**» меояд.

Ва ҳарфи «**лом**», ки бар сари «**илоҳ**» омадааст, муфассирин ба маънои «**ихтисос**» ва «**истеҳқоқ**» гирифтаанд. Дар тавзеҳи он гуфтанд, ки «**лом**» бо тавсиф ба рубубият «**ҳаср**»-ро мерасонад, яъне ҳар неъмат ва камоле дар ҳар мавҷуде ба ҳар сурате, ки ҳаст аз зоти муқаддаси Илоҳӣ сарчашма гирифта, ки ҷомеи ҳамаи камолоту мабдаи ҳамаи хайрот аст. Ва ҷумалоти баъдӣ мисли шоҳиду далел барои ин «**ҳаср**» ва «**ихтисос**» далолат дорад, зеро Ӯ мураббӣ ва парваришгари ҳамаи аволам буда ва аз ҷиҳати зот ва сифот ва афъол афзояндаи ҳамаи умур аст. Пас ҳар неъмате аз Ӯст ва ҳар «**ҳамд**» аз ҳар ҳомиде ботаваҷҷуҳ ва ё бетаваҷҷуҳ, бовосита ва ё бевосита барои Ӯст, зеро ҳамаи неъматҳо ва камолот Ӯро ошкор месозад. Ва аз ҷиҳате чун инсон ҷомеи камолоти мавҷудоти дигаранд, пас тамоми мақоми «**ҳамд**»-ро низ метавонад дошта бошанд ва ибрози ин калима, ки дар ҳақиқат таваҷҷуҳ ба истеъдодҳои дарунӣ ва умед ба ҳар камолу рушде аст, ки барои инсон месазад.

## *Вожаи «иля́ҳ»*

Вожаи «**иля́ҳ**», ки мисдоқаш мабдаи ҳамаи камолот аст, муштақ аз моддаи «**алаҳа-яълаҳу-улуҳатан** ва **иля́ҳатан** ва **улуҳийятан**» буда, ба маънои ибодат ва парастиш намудан аст. Ва ҷамъи «**иля́ҳ**» «**олиҳа**» аст, ба маънои «**маъбуд**» (парастиданӣ).

Чуноне, ки дар баҳси вожаи «**аллоҳ**» гуфта шуд, ки он исм барои зоти мабдаи ҳамаи камолот аст, на зоти Аллоҳ, зеро зоти Ӯ бартар аз идроки башарӣ аст, чун ҳадду ҳудуди ақлӣ маҳдуд аст. Ба ин ҷиҳат «**аллоҳ**» бо вуҷуди он ки ба унвони исми «**зот**» ва «**алам**» аст, аммо далолат ба маънои «**васфӣ**» дорад, ки муштақ аз моддаи: «**алаҳа**», ё «**алиҳа**», ё «**валаҳа**», «**валиҳа**», ё «**ля́ҳа**» буда ва шомили маонии зерин аст:

1. «**Алаҳа-яълаҳу-улуҳатан**» (ибодату бандагӣ кардан ва маъбудият).
2. «**Алиҳа-яълаҳу-алаҳан**» (бесаброна ҷазаъ ва зорӣ кардан).
3. «**Валаҳа-ялиҳу-валаҳан**» (андуҳгину саргардон ва ҳайрон шудан).
4. «**Валиҳа-явлаҳу-валаҳан**» (бо шӯру иштиёқу ишқ ақлро супоридан).
5. «**Ля́ҳа-ялуҳу-лиёҳан**» (худро пӯшонидан ва муртафеъ шудан).
6. «**Алаҳа**» ба маънои (оромишу таскин ёфтан ва амон додан).

Пас мисдоқи «**илоҳ**» он зотест, ки мабдаи ҳамаи камолот буда ва халоиқ бо иштиёқ ба унвони «**маъбуд**» хосс Ӯро ибодат мекунанд.

### *Муқаддари «Алҳамду лилла́ҳ»*

Дар миёни «**қуррои сабъа** ва **ашар**» хилоф нест, ки «**алҳамд**» ба «**замми дол**», яъне «**алҳамду**» қироат шудааст. Ва калимаи «**ҳамд**» исми масдар ва марфуъ ба ибтидоият буда, хабараш «**муқаддар**» дар «**лилла́ҳ**» буда ва тақдири он «**ка́инун**» ва ё «**са́битун**» аст, яъне: «**Алҳамду лилла́ҳи са́битун**» (Анвои ҳамд хосси Илоҳест собит). Аммо аз тарафи Муҳаммад Ҳорун ва Руъба ибни Алуҷоҷ «**алҳамд**» ба насб, яъне «**алҳамда**» расида ва низ ба тақдири феъли музмар гирифта, яъне: «**Аҳмудул ҳамда лилла́ҳ**» (Ҳамд мекунам ҳамдро хосси Илоҳ), ки ин қироат хеле шоз ва ба нудрат аст.

Ва «**алҳамд**» он саноест, ки Аллоҳ бар зоти худ мегӯяд ва башарро ба ҳамди хеш таълим медиҳад, бинобар ин лафзаш «**хабар**», вале муродаш «**амр**» мебошад. Ва қавлаш ин аст: «**Қӯлӯ́ алҳамду лилла́ҳ**» (Бигӯед: Анвои ҳамд хосси Илоҳест собит). Ба иборати дигар бо вуҷуди он ки ҷумлаи «**алҳаду лилла́ҳ**» «**хабар**» аст, аммо маънои «**иншоӣ**» дорад, яъне он чӣ аз хайроту некиҳо ва ниаму камолот, ки ақли андешанда дарк мекунад, онро бо ин ҷумла изҳор медорад ва аз он ҷо ки ақл аз дарки ҳама нотавон аст, мебояд аз лисони Илоҳӣ, ки муҳит ба ҳама аст, изҳор дорад, то вазифаи «**ҳамд**»-ро ба хубӣ анҷом диҳад.

Ва чун «**ҳамд**» дар баробари «**камол**» ва «**ҷамол**» ва «**неъмат**» аст ва аз тарафе чун ҳамаи «**камолот**» ва «**ҷамолҳо**» ва «**неъматҳо**» аз они Ӯст, бинобар ин қаҳран анвои «**ҳамд**» ҳам махсуси Ӯст ва ло ғайр ва аҳаде «**маҳмуд**» нахоҳад буд. Пас ҷамии ҳамдҳо хосси маъбудест, ки ҳар чӣ офарид некӯ офарид, лизо дар баробари ҳамаи корҳояш «**ҳамд**» аст.

Ва ҳар инсоне, ки ин «**ҳамд**»-ро беҳтар бишносад ба олитарин мақом ноил шавад ва чун ҳеҷ кас ҳамонанди Паёмбари акрам (с) ин вазоифро на беҳтар мешиносад ва на беҳтар амал мекунад, лизо он ҳазраташ ба мақоми «**маҳмуд**» расидаанд.

Пас калимаи «**алҳамду лилла́ҳ**» ба ҳасби баёноте, ки зикр шуд, агар касе ба латоиф ва ҳақоиқи он Аллоҳро бо он «**таҳмид**» кунад, ҳаққи «**ҳамд**»-ро он қадар, ки дархӯри тоқати башарият аст, ба ҷо оварда. Ба ин ҷиҳат аст, ки аз Паёмбари акрам (с) расидааст: «**Ла́ ила́ҳа иллаллоҳ**» нисфи мизон ва «**алҳамду лилла́ҳ**» пур кунад мизонро. Ва низ фармудаанд, ки ҳеҷ чиз маҳбубтар дар назди Аллоҳ нест аз қавли қоили «**алҳамду лилла́ҳ**» ва аз ин ҷиҳат Аллоҳ ба он бар худ «**ҳамд**» гуфтааст.

## *Нукот:*

Ва хулосаи матлаб ин ки дар таҳти қавли шарифаи «**алҳамду лилла́ҳ**» сирри тавҳиди хосс, балки ахасси хавос аст ва ихтисоси ҳама муҳомид аз ҷамии ҳомидон ба Аллоҳ ба ҳасби бурҳон назди асҳоби ҳикмат возеҳу ошкор аст, зеро ки ба бурҳон пайваста, ки тамоми дори таҳқиқ ва ҷамии неъматҳи зоҳира ва ботина аз ҳар мунъиме ба ҳасби зоҳир ва дар инзори омма аз файзи мабсути Аллоҳ аст ва аҳаде аз мавҷудотро ширкат дар он нест, пас чун «**ҳамд**» дар муқобили неъмат ва инъом ва эҳсон аст ва мунъиме ҷуз Ӯ дар дори таҳқиқ нест, пас ҷамии муҳомид мухтасси Ӯст.

Ва ба баёни дигар ҳар «**ҳамд**», ки аз ҳар ҳомиде аст дар муқобили он ҷиҳат неъмат ва камол аст ва маҳалли неъмат ва камол, ки онро танқис ва таҳдид намуда ва ба ҳеҷ ваҷҳ мадхалият дар «**ҳамд**» надорад, пас ҷамии муҳомид ба баҳрагирӣ ва ҳаззи рубубият, ки камол ва ҷамол аст руҷуъ кунад, на ба баҳрагирӣ ва ҳаззи махлуқ, ки нақс ва таҳдид аст.

Пас фитрати ҳамаи инсонҳо саноҷӯ ва ситоишгӯи зоти Ӯ ҳастанд ва аз дигар мавҷудот мутанаффиранд, магар он мавҷудҳое, ки ба ҳасби сайр дар мамолики камол ва шаҳрҳои ишқи фонӣ дар зоти Зулҷалол шуданд, ки ишқу муҳаббат ба онҳо ва саною ситоиши онҳо айни ишқ ба Ҳақ ва ситоиши Ӯст (Ҳубби хоссони Худо ҳубби Худо аст).

То ин ҷо ки зикр шуд низ ба ҳасби мақомоти мутавасситин аст, ки дар ҳиҷоби касрат боз ҳастанд ва аз ҷамии маротиби ширки хафӣ ва ахфо мубарро нашуда ва ба камоли маротиби хулус ва ихлос нарасидаанд ва аммо ба ҳасби ирфони асҳоби қулуби фонияҳ дар баъзе ҳолоти хосса ҷамии ниъам ва камол ва ҷамол ва ҷалол сурати таҷаллии зотӣ аст ва ҷамии муҳомид ба зоти ақдаси Илоҳӣ марбут аст, балки «**ҳамд**» аз худи Ӯ ба худи Ӯст, чунон чӣ ишора ба ин маъно аст, тааллуқи «**бисмилла́ҳ**» ба «**алҳамду лилла́ҳ**».

Ва лизо «**солики илаллоҳ**» ва муҷоҳиди «**фий сабилиллоҳ**» набояд ба ҳадди ин маориф қаноат кунад ва иктифо намояд ва тамоми умрро сарфи истидлолу бароҳини ақлӣ (ҳиҷоби аъзам) кунад, чун тайи ин марҳала бо пойи чӯбин натавон рафт, ин водӣ водии муқаддасин аст. Ва ба ин хотир аст, ки ба қавли яке аз орифони ирфон Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ фармудаанд:

**Пойи истидлолиён чӯбин бувад,**
**Пойи чӯбин сахт бетамкин бувад.**

Ва нукоти дигар ин ки уламои зоҳир ва адаб гуфтаанд, ки «**ҳамд**» он саноест ба лисони ихтиёрӣ. Ва онҳо чун ғофил аз ҷамии «**алсина**» ҳастанд ва ба ҷуз ин лисони лаҳмӣ чизе надонанд, ба ин хотир тасбеҳ ва таҳмиди Аллоҳ, балки мутлақи каломи Зоти ақдасро ҳамл ба як навъ аз маҷоз донистаанд ва ҳамчунин «**калом**» ва «**тасбеҳ**» ва «**таҳмид**»-и мавҷудотро ҳамл ба маҷоз кардаанд.

Пас дар Аллоҳ такаллумро иборат аз «**эҷоди калом**» ва дар мавҷудоти дигар тасбеҳ ва таҳмидро «**зотии таквинӣ**» медонанд. Онон дар ҳақиқат нутқро мунҳасир ба навъи худ донистаанд ва зоти муқаддаси Илоҳӣ ва мавҷудотро ғайри нотиқ, балки (наъузу биллоҳ) лолу гунг пиндошта ва инро танзияи Ӯ гумон кардаанд, бо он ки ин таҳдид буда ва Аллоҳ таоло муназзаҳ аз ин танзия аст.

Дар ин ҷо бояд тазаккур дод, ки мо ин қадар дар банди он нестем, ки дар ин ҳақоиқи илоҳия ҳақиқат ва сидқи луғавия лозим ояд, балки сиҳҳати итлоқ ва ҳақиқати ақлия мизон дар ин мабоҳис аст, гар чӣ ҳақиқати луғавия дар ҷои худаш собит шудааст.

Пас бояд бигӯем, ки барои «**лисон**», «**такаллум**», «**калом**», «**китобат**» ва «**ҳамд**» маротибе аст, ба ҳасби нашаоти вуҷудия, ки ҳар як бо нашъае аз нашаот ва мартабае аз маротиби вуҷуд муносиб аст ва чун «**ҳамд**» дар ҳар маворид бар ҷамиле ва «**мадҳ**» бар ҷамоле аст, пас чун Аллоҳ ба ҳасби илми зотии худ дар Ҳазрати ғайб ҳувияти ҷамолӣ ҷамили худро мушоҳида фармуда ба атамми маротиби илм ва шуҳуд масрур буда, ба зоти ҷамили худ маротиби масрурӣ ва шодмонӣ бошад.

Ба ин ҷиҳат таҷаллӣ фармуда ба таҷаллии азалӣ ба аъло маротиби таҷаллиёт дар Ҳазрати зот барои зот ва ин таҷаллӣ ва изҳори он чӣ дар макнуни ғайбӣ ва наздики зотия каломи зотӣ аст, ки ба лисони зот дар Ҳазрати ғайб воқеъ аст ва мушоҳидаи ин таҷаллии каломӣ самъи зотӣ аст ва ин ҳамду санои зот барои зоти Ҳақ, ҳамду санои Ҳақ аст, ки дигар мавҷудот аз идроки он оҷизанд.

Чунон чӣ зоти муқадаси Набӣ (с) ашрафи мавҷудот эътироф ба аҷз чунин фармудаанд: «***Ла́ аҳса́ сана́ун алайка анта кама́ иснайта ала́* нафсика**» (Надорад ҳисоб сано бароят, Ту чуноне, ки сано карди бар нафси хеш).

Ва ин маълум аст, ки ҳифзи «**ҳамд**» ва «**сано**» фаръи маърифат ба камол ва ҷамол аст ва чун маърифати томма ба камол ва ҷамоли мутлақ ҳосил нашавад, «**ҳамд**» ва «**сано**»-и ҳақиқӣ низ воқеъ нагардад ва лизо ғояти маърифати асҳоби ирфон аҷзу нотавонист.

Ва аҳли маърифат гӯянд: Аллоҳ ба алсинаи хамса «**ҳамд**»-и худ кунад ва он «**алсина**» иборатанд аз:

1. ***Лисони зот мин ҳайси ҳия.***
2. ***Лисони аҳадияти ғайбия.***
3. ***Лисони воҳидияти ҷамъия.***
4. ***Лисони асмои тафсилия.***
5. ***Лисони аъёния.***

Ва инҳо ғайр аз «***лисони зуҳур***» аст, ки аввали он «***лисони машийят***» аст, то охири маротиби таайюнот, ки «***лисони касароти вуҷудия***» аст.

Аммо бил-ҷумла дори вуҷуд асли ҳаёт ва ҳақиқати шуур аст ва тасбеҳи мавҷудот тасбеҳи нутқи шуурии иродӣ аст, на таквинии зотӣ, ки маҳҷубон гӯянд ва тамоми онҳо ба ҳасби баҳрагирӣ, ки аз вуҷуд доранд ба мақоми Ӯ маърифат доранд ва чун иштиғол ба табиату инғимор дар касрат, ҳеҷ мавҷуде чун инсон надорад, аз ин лиҳоз аз ҳамаи мавҷудот маҳҷубтар аст, магар он ки аз ҷалбоби башарият хориҷ шуда ва фарқи ҳуҷаби касрату ғайрият карда бошад, ки беҳиҷоб ба мушоҳидаи ҷамоли ҷамил пардозад, пас «**ҳамд**»-и ӯ аз тамоми ҳамдҳо ҷомеътар аст ва ӯ Аллоҳ таолоро ба тамоми шууни илоҳия ва тамоми асмоъ ва сифот ҳамду ситоиш ва ибодат кунад. (Ва шарҳи он маҷоли васетаре металбад).

Аммо бояд донист, ки «**ҳамд**»-и Аллоҳ ба авсофи ҷалолу ҷамол махсус ба забон нест, боисти инсон ба тамоми аъзо ва ҷаворeҳ доиман машғули «**ҳамд**» бошад ва лаҳзае аз таваҷҷуҳ ба он маъбуди беҳамто ғофил нагардад. Ва вазифаи «**забон**» талаффузи калимоти «***алҳамду лиллаҳ***» аст. Ва вазифаи «**дил**» пас аз таҳсили маърифати комил ҳузуру таваҷҷуҳ ба касест, ки «**ҳамд**»-и Ӯро мекунад. Ва вазифаи «**аъзои бадан**» ин аст, ки ҳар узверо ба он амале, ки барои он халқ шудааст, водор намояд ва на ин ки аз амал фақат нафъи шахсии худро дар назар бигирад ва дар талаби он бикӯшад, балки тавре амал кунад, ки дигарон низ аз амали ӯ мунтафеъ гарданд, ин аст вазифаи «**инсоният**». Пас агар хоҳем, ки воқеан аз он ашхосе набошем, ки фармудааст: «**Ва қалилун мин ибодияш-шакур**», балки аз ҳомидин ва шокирин бошем, боисти «**дил**» ва «**забон**» ва тамоми «**аъзо**» шукргузор бошад ва аз он ҷӣ ба мо каромат шуда ва муваффақият пайдо намудаем аз молу дониш ва мансабу мақом дар роҳи Ӯ инфоқ намуда дигаронро низ аз он баҳраманд созем.

Бинобар ин лозим аст, ки инсон Рабби оламиёнро на танҳо ба забон ҳамд ва шукр намояд, боисти ба тамоми аъзо шукргузорӣ ва ба тамоми қувваҳо ва ҷавориҳ хидматгузор бошад ва ин тавр сипосгузорӣ вақте инсонро муяссар гардад, ки ҳар узверо водор намояд ба он амале ки муваззаф ба ӯст, ба таври машруъ, на барои ҳузузи нафсонӣ. Аммо шукри ҳолӣ муттасифи руҳ ва қалб ба сифоти ҷамила ва камолоти илмия ва амалия, мутахаллиқ гардидан ба «**ахлоқи илоҳия**» аст, зеро ба фармудаи анбиёи Илоҳӣ мардум маъмур ва мувазzафанд, ки ба «**ахлоқи илоҳия**» худро биороянд, ба тавре, ки ахлоқи некӯ малакаи онҳо гардад.

## *Дуои ҳамдия*

«**Алҳамду лилла́ҳ**» - Анвои «**ҳамд**» хосси илоҳест собит, ки худро ба мо шиносонд ва шеваи шукргузории аз худро ба мо илҳом фармуд ва дарҳои маърифати рубубияташро бар мо боз кард ва моро ба ихлос варзидан дар тавҳиди худ раҳнамун сохт ва аз инҳирофу шакку тардид дар зоти муқаддасаш нигаҳ дошт.

«**Алҳамду лилла́ҳ**», ки дар баробари он ҳама неъмати паёпайе, ки бар бандагонаш иноят фармуд ва нозил кард, агар «**ҳамд**»-и худро таълим намедод аз неъматҳояш баҳра меҷустем, вале Ӯро «**ҳамд**» намегуфтем ва аз рӯзиаш масраф мекардем, аммо шукронаи онро ба ҷо намеовардем. Дар ин сурат аз марзҳои инсонӣ берун мешудем ва дар водии ҳайвонӣ меафтодем, яъне он гуна мешудем, ки дар китоби худ фармуд: «**Онон ҳамчун чорпоёнанд, балки аз чорпоён ҳам гумроҳтар**». (Аъроф, 179).

«**Алҳамду лилла́ҳ**», ки бар мо миннат ниҳод ва паёмбари гиромияш Муҳаммад Мустафо (с)-ро ба сӯи мо барангехт, то ба пайравӣ ва улгу гирифтани ахлоқи он бузургвор роҳи ҳидоятро дарёбем.

Кунун тибқи баёноти Қуръон, ки дар сураи Аъроф, ояти 43 омадааст, чунин истидъо кунем: «**Алҳамду лилла́ҳил-лазий ҳада́на́ лиҳа́за́ ва ма́ кунна́ линаҳтадия лав ла́ ан ҳада́наллоҳ.** (Анвои ҳамд ва мадҳу шукру сано бошад хосс он илоҳеро, ки агар моро ҳидоят намекард, ҳаргиз ба ин ҷо намерасидем).

**Бор Илоҳо!** Бар Муҳаммад ва олу асҳоби покаш, ки амонатдори ваҳйи Ту ва баргузидаи офаридагони Ту ва мухлас дар миёни бандагони Ту ва пешвои раҳмату калиди ганҷинаҳои Туст, «**салавот**» ва «**дуруд**» фирист.